ПРОТОКОЛИ № 28
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA- 051 назди ДМТ

аз “26” октябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

Раиси шуро: Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.06.2025 №240 ш/д тасдиқгардида, 9 – нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи “Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D060732– Физиология

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои биологӣ, Амиршозода Ф.С. ва аъзои комиссия, доктори илмҳои биологӣ Джураева У.Ш., ва номзади илмҳои биологӣ Иронова С.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Раҷабзода А.М. дар мавзуи “Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил” ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи “Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D060732–Физиология пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда ба чунин қарор омаданд.

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи “Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D060732–Физиология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Табариён Баҳром Сафар - доктори илмҳои тиб, профессор, директори Пажуҳишгоҳи тибби бунёдии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А.Сино;
- Шамсуддинов Шаъбон Нажмуддинович – номзади илмҳои биологӣ, мудири озмоишгоҳи ҷигар ва ғадуди зери меъдаи МД “Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон таъин гардад.

- Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

5. Таърихи баргузории ҳимоя 26 декабри соли 2026 соати 10^{00} муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои биологӣ, профессор Қодиров А.Ҳ.

Котиби шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ Мирзоев Н.М.